«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара, д.и.и. Хайрзода Ш.Қ.
_______________
"07" ___03___ 2023

# ХУЛОСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯ ВА РӮЗНОМАНИГОРИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА

Диссертатсияи Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовна дар мавзуи **«Мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 - Таърихи адабиёт, равобити адабӣ пешниҳод шудааст. Диссертатсия дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара ба анҷом расидааст.

Роҳбари илмӣ: Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич – доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима гардида, аз таърихи 25.02.2023, қарори №7 ба ҳимоя тавсия шудааст.

Шурои олимони факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Данғара диссертатсияи номзадии Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовнаро таҳти унвони «**Мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар**» бо ширкати муқарризон – доктори илми филология, профессор Суфизода Ш.З. ва номзади илми филология Миралиева С.Т. баррасӣ ва муҳокима намуд. Сараввал профессор Суфизода Ш.З. баромад намуда, мавзуъро барои сабкшиносии адабӣ ва назарияи адабиёт муҳим арзёбӣ кард. Мазкур, ҳамчунин, таъкид дошт, ки омӯзиши мавзуи мазкур

то ҷое дар муайян ва равшан намудани хусусиятҳои сабкӣ ва бадеии шеъри даврони истиқлоли тоҷик кумаки бевоситаи амалӣ мерасонад.

Профессор Суфизода Ш.З., ҳамчунин, қайд намуд, ки рисолаи аспирант Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовна аввалин кӯшиш дар баррасии хусусиятҳои мавзуӣ, поэтикӣ, сабкӣ ва бадеии ғазалиёти Ашур Сафар ва бад-ин васила, муайян кардани мавқеи жанри ғазал дар ашъори шоири мазкур маҳсуб хоҳад шуд. Муаллифи рисола дар доираи чор боб ва сездаҳ фасл ба ҳалли илмии мавзуи интихобшуда даст ёфтааст. Муаллиф дар бобҳои алоҳида оид ба ҳаёту фаъолияти эҷодӣ, сабки сухангустарӣ ва вижагиҳои бадеӣ ва мавқеи ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар андешаронӣ намуда, мавқеи илмии худро муайян намудааст.

Дар рисолаи тақризшаванда дар баробари комёбию муваффақиятҳои фаровони илмӣ баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва мавридҳои номафҳум низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо зарур буда, ба пиндори инҷониб, боиси боз ҳам боло рафтани ҳусни илмии рисола хоҳанд гардид:

1. Дар диссертатсия дар ду шакл овардани калимаҳои маҷмӯа (саҳ. 149) - маҷмуа (саҳ. 2, 3..), Ашӯр (саҳ. 3, 5, 6) - Ашур (саҳ. 4,5,18), форсу тоҷикӣ (саҳ 33) ва форсӣ-тоҷикӣ (44), рӯҳи халқӣ - руҳ халқӣ (саҳ. 165) ба назар расиданд.

2. Диссертантро зарур аст, ки вожагони ҳар кӣ (саҳ. 74, 112, 127) ва амсоли инҳоро мутобиқ ба имлои нав намояд.

3. Муҳаққиқ дар автореферат бархе бобу фаслҳоро ба тариқи ҳуруф ва бархеро бо арқом овардааст, ки мебоист якнавохт бошанд.

4. Дар диссертатсия ва автореферат бархе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, амсоли (илва- ҷилва (с. 1), (с. 5, 6), тақиқ- таҳқиқ с. 8, 9, 16, 17).

Номзади илми филология Миралиева С.Т. дар баромади худ роҷеъ ба диссертатсияи Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовна баён намуд, ки мавзуи интихобнамудаи диссертант тамоман нав мебошад, зеро роҷеъ ба ашъори Ашур Сафар, ҳунари шоирии ӯ ва хусусиятҳои гуногуни ашъори

вай то ҳанӯз дар адабиётшиносии муосири тоҷик асари алоҳидаи таҳқиқӣ ва аз ҷумла таҳқиқоти диссертатсионӣ ба вуҷуд наомадааст. Бинобар ин, интихоби чунин мавзуи наву обнашуста аз ҷониби аспиранти ҷавон худ ғайрату ҷасорат аст ва онро бояд эътироф кард. Мазкур, ҳамчунин, иброз дошт, ки рисолаи мавриди муҳокима қарордошта, умуман, баанҷомрасида буда, масъалаҳои асосие, ки муаллиф дар пеш гузоштааст, ҳамагӣ ҳалли худро ёфтаанд. Аммо, бо он ҳама муваффақиятҳо, кор аз баъзе камбудҳо низ холӣ нест, ки бартараф кардани онҳо ба манфиати таҳқиқоти аспирант мебошад. Аз ҷумла:

1. Ба андешаи мо, дар фаслҳои 3-юм ва 4-уми боби дуюми диссертатсия мисолҳои шоҳид аз ғазалиёти шоир бештар ба назар мерасанд. Баъзеи онҳо дар мавзуъ ва фарогирии мазмуну мундариҷа наздикӣ доранд, бинобар ин метавон баъзе аз онҳоро аз истифода соқит кард. Бо ин роҳ ҳаҷми кор ҳам метавонад камтар шавад.
2. Дар диссертатсия калимаҳои арабии амсоли: мавзуъ, рух, Ашур ва монанди инҳо баъзан бо «у»-и дароз («ӯ») оварда шудаанд, ки бо ин сабаб дар навишти онҳо духӯрагӣ мушоҳида мешавад. Муаллифи диссертатсияро лозим аст, ки дар навишти калимаҳои арабӣ, ки қаблан бо ҳарфи «ӯ» меомаданд, қоидаи имлои забони тоҷикиро ҷиддан риоя намояд.
3. Ҳамчунин, калимаҳои арабии ҳамрешаи «аҳамият» ва «муҳим», ки бар тибқи имло бояд бо як «м» навишта шаванд, дар диссертатсия бо ду «м», яъне бо ташдиди ҳарфи мазкур оварда шудаанд. Навишти калимаҳои мазкур бояд дар мутобиқат бо имлои забони тоҷикӣ ба роҳ монда шавад.
4. Муаллифи диссертатсия натоиҷи таҳқиқоти хешро дар қисмати хулоса дар 10 банд ҷамъбаст намудааст. Ба андешаи мо, дар қиёс бо ҳаҷми диссертатсия ва фарогирии мавзуъ ин нисбатан кам аст. Агар андешаҳои муаллиф дар қисмати хулоса ақаллан дар 12 банд натиҷагирӣ мешуданд, беҳтар буд.

Ҳамин тариқ, вобаста ба баромади муқарризон – доктори илми филология, профессор Суфизода Ш.З. ва номзади илми филология, Миралиева С.Т. шурои олимони факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Данғара нисбат ба ҳусну қубҳи илми ба чунин **хулоса** омад:

Диссертатсия ба мавзуи наву таҳқиқношудаи илми адабиётшиносӣ бахшида шудааст. Дар ҳақиқат, ҳама масъалаҳое, ки муаллиф дар бобҳову фаслҳои кори худ бар онҳо даст задааст, аввалин иқдом дар мавзуи ашъори Ашур Сафар ва баррасии вижагиҳои алоҳидаи он ба ҳисоб меравад. Муаллиф дар ин маврид дуруст қайд менамояд, ки дар адабиётшиносии муосири тоҷик то ба ҳол оид ба мавқеи ғазал дар ашъори Ашур Сафар таҳқиқоти мукаммалу фарогир ба анҷом нарасидааст ва дар ин маврид адабиётшиносии тоҷик ниёз ба таҳқиқоти алоҳидаро дорад.

Диссертант ҷиҳати ба **мақсаду ҳадафҳои** худ ноил шудан ҳаллу фасли вазифаҳои зеринро зарур мешуморад:

- муайян кардани миқдори ғазалиёт дар маҷмуаҳои Ашур Сафар ва таъйини басомади онҳо дар девони мукаммали шоир;
- таҳқиқи сохтору шакл ва басомади абёт дар ғазалиёти Ашур Сафар;
- таъйини ғазалиёти Ашур Сафар аз нигоҳи ягонагӣ ва парокандагии мавзуъ;
- баррасии мундариҷаи ғоявии ғазалиёти Ашур Сафар;
- омӯзиши хусусиятҳои поэтикии ғазалиёти Ашур Сафар аз нигоҳи вазн ва қофияву радиф;
- таҳлили вижагиҳои сабкии ғазалиёти Ашур Сафар дар нигоҳ бар андешаҳои шахсии шоир нисбат бар шеъри худ, чигунагии корбурди унсурҳои халқӣ, муколама, такрори вожаҳову таркибҳо;
- таъйини асоситарин воситаҳои тасвири бадеӣ дар ғазалиёти Ашур Сафар дар мисоли санъатҳои тамсил, талмеҳ, ташбеҳу истиора.

**Муаллиф масъалаҳои зеринро барои ҳимоя пешниҳод кардааст:**

1.Жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар мақоми хосса дошта, миёни дигар жанрҳои суннатӣ ва, ҳамчунин, шаклҳои нави шеърӣ ҷилваи махсус дорад. Ғазалҳои Ашур Сафар аз нигоҳи теъдоди байтҳо, умуман, аз 3 то 17 байт мебошанд. Аммо қисмати асосии ғазалиёти шоир 6-11 байтро фаро мегиранд, ки дар маҷмуъ 85%-ро ташкил медиҳанд.

2. Дар ғазалиёти Ашур Сафар мавзуъҳои марказӣ ва ҳукми калидӣ дошта–инҳо мавзуи Ватан ва ватандӯстӣ, таблиғи сулҳу ваҳдат, тасвири ишқу муҳаббати самимӣ, бузургдошти зан-модар, андешаҳои панду-ҳикматӣ ва ҳаҷву мутоибаҳои шоирба ҳисоб мераванд. Ҳарчанд ки дар ғазалиёти шоир мавзуъҳое амсоли: тасвири табиат ва зебоиҳои он, таърифу ситоиши шахсони гуногуни таърихию фарҳангӣ, дарҷи нукоти таърихӣ ва амсоли инҳо низ гоҳ-гоҳ мушоҳида мешаванд, аммо дар қиёс бо мавзуъҳои боло мақоми басо пасттар доранд.

3. Ғазалиёти Ашур Сафар, умуман, дар панҷ навъи вазни маъруфи шеъри форсӣ: се баҳри аслӣ - ҳазаҷ, раҷаз, рамал ва ду баҳри фаръӣ - музореъ ва мунсареҳ истифода гардидаанд. Аз он ҷумла, 184 ғазал ба баҳри рамал, 147 ғазал ба баҳри ҳазаҷ, 14-то ба баҳри музореъ, 11-то дар баҳри раҷаз ва 4-то дар баҳри мунсареҳ суруда шудаанд. Аз 360 ғазали девони шоир 93 %-и он ба баҳрҳои рамал ва ҳазаҷ тааллуқ доранд, аз инҳо ҳудуди 50% ба баҳри рамал, тақрибан 40-45% ба баҳри ҳазаҷ.

4. Дар ғазалиёти Ашур Сафар хусусияти аз ҳама назаррас дар мавриди корбурди қофия – ин такрори қофия мебошад. Дар ғазалҳои шоир баъзан калимаи қофияшаванда аввалан дар миёни мисраи қаблӣ омада, баъдан, шоир онро ҳамчун қофия истифода мебарад. Дар ҳолати дигар ин такрор баръакс мушоҳида мешавад, қофия дар мисраи баъдӣ, яъне оғози байти нав такроршуда, мусиқию оҳанги махсуси байтҳо ва умуман, ғазалро таъмин менамояд.

5. Дар ғазалиёти Ашур Сафар нақши радиф басо назаррас аст. Дар қисмате аз ғазалҳои Ашур Сафар ҷанбаи назарраси мусиқибахшии радиф

бештар эҳсос мешавад. Аммо дар қисмате аз ғазалҳои Ашур Сафар нақши назарраси корбурди радифҳои нав, амсоли: «мешуда бошад», «моро напурсед», «чӣ гӯянд», «мекунӣ ё не», «шудам ман», «гуфт маро», «гул мекунад» мушоҳида мешавад, ки аз ибтикороти шоир дар ин маврид далолат менамоянд.

6. Аз нигоҳи сабку услуб ғазалиёти Ашур Сафар содаву равонанд. Дар ғазалиёти Ашур Сафар печидагӯйиву мушкилбаёнӣ ба чашм намерасанд ва кулли ғазалҳои ӯ дархӯри фаҳм мебошанд. Яке аз нишонаҳои назарраси сабкию услубӣ ва далолаткунандаи содагию равонии забони ғазалиёти Ашур Сафар – ин корбурди унсурҳои халқӣ ба ҳисоб меравад. Унсурҳои мазкур бештар хосси забони гуфтугӯйӣ мебошанд, ки ин аз майли халқӣ доштани шоир далолат менамояд.

7. Дар ғазалиёти Ашур Сафар, ҳамчунин, чанд хусусияти дигар мушоҳида мешаванд, ки онҳоро метавон нишондиҳандаи сабки фардии шоир муаррифӣ кард. Аз ҷумлаи ин хусусиятҳо корбурди вижаи муколама, такрори вожаҳо дар матни ғазал, ба кор бурдани феълҳои махсус, ки марбут бар услуби классикон мебошанд, ба ҳисоб меравaнд.

8. Миёни кулли ороёҳо ё воситаҳои тасвири бадеӣ дар ғазалиёти Ашур Сафар мақоми назаррасро санъатҳои тамсил ва талмеҳ ишғол намуда, сутунҳои устуворро дар тасвирҳои шоиронаи вай ташкил медиҳад. Дар ғазалҳои шоир, ҳамчунин, санъатҳои ташбеҳ ва истиора ҷилваи хос дошта, дар ҷанбаи тасвирӣ гирифтани образҳову мазмунҳои шоирона мавқеъ доранд.

**Муҳтавои мавзуи диссертатсия дар 6 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Шаробова М.Қ. Унсурҳои халқӣ дар ғазалиёти Ашур Сафар / М.Қ.Шаробова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Бахши илмҳои филологӣ. Бохтар - 2021. - №1/4 (92).- С. 33-39. [2-М]. Шаробова, М.Қ. Тасвир ва тавсифи зан-модар дар ғазалиёти Ашур Сафар / М.Қ. Шаробова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Бахши илмҳои филологӣ. Бохтар.- 2022,- №3.-С. 25- 31. [3-М]. Саидҷаъфаров О.Ш., Шаробова, М.Қ. Вижагиҳои поэтикӣ ва сабкии газалиёти Ашур Сафар / Саидҷаъфаров Озод / Шаробова Маҳбуба // Суханшиносӣ. - Душанбе. - 2022. - №1. - С. 105-119.

[4-М]. Шаробова, М.Қ. Ғазалиёти Ашур Сафар ва хусусиятҳои сохториву мавзуии онҳо / Шаробова Маҳбуба // Маҷаллаи илмии Суханшиносӣ. - Душанбе. - 2022. - №3. - С. 112-122.

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Шаробова, М.Қ. Ҷойгоҳи тамсил дар ғазалиёти Ашур Сафар / М.Қ. Шаробова // Маводи Конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Мақоми А. Берунӣ дар таърихи тамаддуни форс-тоҷик бахшида ба 1050- солагии мутафакири бузург (26-27 майи соли 2023). - Бохтар. - С. 422-430.

[6-М]. Шаробова, М.Қ. Зан халлоқи насли башар / М.Қ. Шаробова // Маҷмуаи маводи Конференсияи илмӣ бахшида ба рӯзи умумиҷаҳонии занон дар соҳаи илм таҳти унвони «Занон ва рушди илми муосир». - Данғара: ДДД. - 2022. - С. 210-213.

Муаллифи диссертатсия дар таҳқиқоти диссертатсионии худ андешаҳои назарӣ, пажӯҳишҳои суратгирифта ва таҷрибаҳои таҳқиқии адабиётшиносон ва шарқшиносони ватанию хориҷӣ, амсоли И. С. Брагинский, А. Мирзоев, Ю. Бобоев, А. Абибов, А. Афсаҳзод, Р. Ҳодизода, А. Сайфуллоев, А. Ҳакимов, Р. Мусулмониён, А. Абдуманнонов, Ю. Акбарзода, Х. Асозода, Х. Шарифов, А. Кӯчарзода, Р. Ваҳҳобов, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Маҳмуд Ибодиён, Алиасғари Шеърдӯст, Шафеии Кадканӣ, Муаззама Иқболӣ ва дигаронро мавриди истифода қарор дода, дар таҳкими андешаҳои хеш аз онҳо суд гирифта шуд.

**Навгонии диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки то таҳқиқоти вай дар адабиётшиносии муосири тоҷик аз ҷониби муҳаққиқон ба баррасии вижагиҳои гуногунпаҳлуи ғазалиёти эҷодиёти Ашур Сафар дар шакли диссертатсияи алоҳида таваҷҷуҳи махсус зоҳир нашуда буд. Бинобар ин, метавон гуфт, мавзуи интихобнамуда ва масоили матраҳ намудаи муаллиф дар адабиётшиносии тоҷик нахустин бор дар шакли диссертатсияи комил ҳалли пурраи худро ёфта, дар иртибот бар ин бори аввал хусусиятҳои сохторию шаклӣ, мавзуию мундариҷавӣ, ғоявӣ, поэтикӣ, сабкӣ ва бадеии ғазалҳои Ашур Сафар ба таври монографӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Аҳамияти назарии диссертатсия** иборат аз он аст, ки хулосаҳои диссертатсия ва маводи он метавонанд дар тақиқи адабиёти ҳамин давра, бахусус, пажӯҳиши жанри ғазал дар нимаи дуюми асри гузашта ва ибтидои истиқлол мавриди истифода қарор гиранд. Маводи диссертатсия ва андешаҳои назарии муаллифи он дар такмили масоили назариявии адабиётшиносӣ, ҳамчунин, вижагиҳои сохторию мундариҷавии жанри адабӣ, таҳлили сабкшиносии матнҳои адабӣ ва амсоли инҳо метавонанд мусоидат кунанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳову хулосаҳо ва маводи илмии диссертатсия дар таҳқиқи амалии адабиёти интиҳои давраи шуравӣ ва ибтидои даврони истиқлоли тоҷик, омӯзиши

жанри ғазали муосир қобили истифодаанд. Маводу масоил ва натиҷагириҳои алоҳидаи диссертатсияро, ҳамчунин, дар навиштани китобҳои дарсӣ, дастурҳову васоит, мураттаб сохтани барномаҳои дар сӣ аз курси адабиёти муосир, таҳияи курси лексияҳо оид ба таърихи адабиёт, курс-семинарҳо роҷеъ ба жанрҳои адабӣ ва амсоли инҳо метавон истифода бурд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба табъ расонидаи муҳаққиқ муҳтавои рисоларо комилан инъикос менамоянд.

Вобаста ба дастовардҳои зикршуда, шурои олимони факултети филология ва рӯзноманигорӣ бо қарори №7, аз таърихи 25.02.2023 диссертатсияи номзадии Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовнаро таҳти унвони «**Мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар**» кори муҳиму арзишманд арзёбӣ намуда, онро комилан анҷомёфта меҳисобад. Диссертатсия ба талаботи корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, онро метавон ба баррасии шурои диссертатсионии 6D.КОА - 069 барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 –Таърихи адабиёт; равобити адабӣ тавсия намуд.

Иштирок дошт: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор»-16 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратҷаласаи № 7, аз 25-уми феврали соли 2023.

Раиси шурои олимони факултети
филология ва рӯзноманигорӣ, номзади илми
филология: Самардинов Қ.Н.

Котиби шурои олимони факултети
филология ва рӯзноманигорӣ Усмониён Н.У.

Муқарризон: д.и.ф., профессор,
директори Китобхонаи марказии
илмии ба номи И.Гандии Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон: Суфизода М.З.

Номзади илми филологияи кафедраи
забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии
Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов: Миралиева С.Т.

Имзои Суфизода Ш.З.- ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо: Мусаввирова Ш.

Имзои Миралиева С.Т. - ро тасдиқ мекунам:
И.в. сардори шуъбаи кадрҳои муассисаи давлатии
таълимии «Донишкадаи тарбияи ҷисмонии
Тоҷикистон» ба номи С.Раҳимов Деҳқонова З.Б.

Имзои Самардинов Қ.Н., Усмониён Н.У.- ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи давлатии Данғара Ҷабборӣ Н. Ҷ.

**Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти
Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25
E-mail: dddangara2013@mail.ru**
7 «03» соли 2023.